**ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ:**
Ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С.Осимӣ
д.и.и., профессор Давлатзода Қ.Қ.
____________________________
«_18_»____02____соли 2021

**Тақризи**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа**

Пас аз ифтитоҳи ҷаласа сухан ҷиҳати баёни нуктаҳои муҳим ва муҳтавои асосии диссертатсия ба докторант Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дода шуд.

Докторант ба таври зайл гузориш дод:

Мавзӯи рисолаи номзадии ман, ки барои муҳокимаи Шумоён пешниҳод гардидааст, ба баррасии “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда** дар он зоҳир мешавад, ки аз асрҳои миёна то имрӯз андешаю таълимоти мутафаккирони тоҷику форс таваҷҷуҳи олимону донишмандони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб намуда, боиси таълифи садҳо рисолаю мақола гардидаанд. Акнун он ҳама таҳқиқоти анҷомдодаи олимону шарқшиносон худ ба объекти омӯзиши илмӣ мубаддал гардида, лоақал муҳимтаринашон бояд маврид баррасии илмии муҳаққиқони мо қарор гиранд. Аз назари илмӣ моҳияту муҳтаво ва самтҳои осори илмию фалсафии ҷараёнҳои асримиёнагӣ то ҳол ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд. Дар илми фалсафаи тоҷик таваҷҷуҳ ва ба риштаи таҳқиқ кашидани дастоварди илмии файласуфони хориҷӣ доир ба ҷараёнҳои фалсафӣ ё мутафаккирони тоҷик падидаи нав аст. Дар байни муҳаққиқони таърихи фалсафа ва шарқшиносони фаронсавӣ, Анри Корбен нахустин файласуфест, ки осори илмиаш ба таври густурда ва бонизом мавриди омӯзиши илмии муҳаққиқи тоҷик қарор гирадифтааст. Бинобар сабаби он, ки Анри Корбен аз пурмаҳсултарин шарқшиносони фаронсавӣ ба шумор меравад, мо аз байни ховаршиносони фаронсавӣ ӯро интихоб намуда, ба осору таҳқиқоташ таваҷҷӯҳ намуда, онро ҳамчун мавзӯи таҳқиқотӣ мавриди пажуҳиш қарор медиҳад.

Рисолаи таҳқиқшаванда нишондиҳандаи он аст, ки мо барои ҳалли масъалаҳои дарпешгузоштаи худ саъю талошҳои зиёд намуда, маводи мавҷуда ва дастрасро дар ин самт ҷиддан мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додем. Вазифаҳо, ҳадафҳои таҳқиқот ва нуктаҳои асосие, ки муҳаққиқ онҳоро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, возеҳ, равшан ва мушаххас мебошанд.

Мо ба ҳайси ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот саҳми ховаршиноси фаронсавӣ Анри Корбенро дар таҳқиқи фалсафаи асримиёнагии тоҷик пешкаш менамояд. Барои ноил гаштан ба чунин ҳадаф ҳалли масаъалаҳои зеринро ба миён мегузорем: **муайян** намудани муҳтаво ва хусусиятҳои ақидавии фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва намояндагони алоҳидаи он дар пажуҳиши Анри Корбен; **омӯзиш** ва таҳлилу баррасии мушаххаси фалсафаи машшоияи шарқӣ дар пажуҳиши илмии Анри Корбен; **баррасии** аҳамияти афкори Абӯнасри Форобӣ аз назари Анри Корбен; **таҳлил** ва баррасии ташреҳи ҷанбаҳои фалсафӣ-ирфонии осори тамсилии Абӯалӣ ибни Сино дар таҳқиқоти Анри Корбен; **ҳамчунин** хусусияти таълимоти исмоилия ва фалсафаи ишроқи Шиҳобуддини Суҳравардӣ аз диди Анри Корбен.

**Навгонии илмӣ** дар рисола, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда ақоиди ҷараёнҳои фалсафӣ ва динии асримиёнагии тоҷикро аз дидгоҳи Анри Корбен бо назардошти сарчашма ва таҳқиқоти олимони Шарқу Ғарб муҳокимаву баррасӣ намудааст. Аз навгониҳои таҳқиқот, ки муаллиф пешниҳод кардааст, махсусан нуктаҳои зерин ҷолиби диққатанд:

- бори нахуст дар таърихи илми тоҷик осори фалсафии файласуф ва шарқшиноси шинохтаи Фаронса Анри Корбен ба таври муназзам таҳқиқ гардида, иқтибосҳо аз китоби муҳаққиқ бевосита аз забони асл тарҷума шудаанд;
- аввалин бор дар илми таърихи фалсафаи тоҷик аз тариқи баррасии андешаҳои Анри Корбен дар бораи Абулҳасани Омирӣ маълумот дода шуда, ӯ ҳамчун ҳалқаи васли таълимоти Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино дониста шудааст;
- нодурустии ақидаи Анри Корбен, ки Форобиро аз аҳли тасаввуф медонист, на пайрави машшоия, собит карда шудааст;

Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешкаш гардидаанд, нукоти 1, 3 ва 5 нақши калидӣ мебозанад, зеро дар он муаллиф масаъалаҳои муҳиме, ки дар таҳқиқоти Анри Корбен дарҷ гардидаанд, нишон додааст. Мазмуни ин нуктаҳо чунин масаъалаҳоро дар бар мегиранд, ки Анри Корбен муҳаққиқ, файласуф, ховаршинос ва мутарҷими пурмаҳсули фаронсавии садаи XX аст, ки фалсафаи тоҷику форсро ба таври махсус таҳқиқ карда, дар бораи

хусусиятҳои равияҳои он ақидаи худро баён намудааст. Ҳарчанд, Анри Корбен дар байни файласуфону муҳаққиқони Тоҷикистон шинохта шудааст, вале ҳанӯз осори ӯ мавриди таваҷҷуҳи илмӣ қарор нагирифта, ба онҳо баҳои зарурии илмӣ дода нашудааст. Ба тавзеҳи шарқшиноси фаронсавӣ Абӯнасри Форобӣ нахустин файласуфи комили олами ислом ба шумор рафта, намояндаи аҳли ташайюъ низ мебошад. Анри Корбен “Фалсафаи иҷтимоӣ”-и Форобиро бо таълимоти имомати шиа умумӣ медонад, ҳамчунин, ӯро муфассири осори Арасту қаламдод намудааст. Ӯ Форобиро ҳамчун сӯфӣ шумурдааст, ки ин пайравии ӯро ба афкори устодонаш Э. Жилсон ва Л. Массинён нишон медиҳад.

Яке аз рукнҳои асосии рисола ин асосҳои назарявӣ – методологии он ба ҳисоб меравад. Мо дар диссертатсия барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузоштаамон аз усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ истифода бурдаем. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ, таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили системативӣ ва сохторӣ ва ғ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷа ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи таҳқиқотро барои омӯзиш ва иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ ва ахлоқ, барои таҳия кардани маҷмӯаи таълимӣ-методӣ, тавсияи илмӣ-методӣ ва курси махсуси лексияҳо доир ба фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва Ғарб мавриди истифода қарор дод. Ҳамзамон маводи таҳқиқшуда, натиҷаҳо ва хулосаи бадастомада барои хондани курсҳои махсус аз соҳаи таърихи фалсафа, ки марбут ба масъалаҳои фалсафаи асрмиёнагии тоҷику форсанд дорои аҳамият мебошанд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

**Пас аз анҷоми баромади диссертант ва саволу ҷавобҳо сухан ба экспертӣ диссертатсия, номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ Қурбоншоев И.Ҷ., ки диссертатсияро ташхис намудааст, дода шуд.**

Кори таҳқиқотии Иброҳимов Фуркатҷон Муродович дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа пешниҳод гардидааст, дар шароити имрӯзаи инкишофи соҳаи илмӣ ва баҳо додан ба таҳқиқоти олимони Аврупо хеле муҳим ва дорои аҳамият мебошад.

Фалсафаи тоҷику форс ва қавмҳои ҳамасли он дорои таърихи беш аз ду ҳазорсола мебошад. Нахустин ҷараёнҳои фалсафии онҳо - ҳикмати

хусравонӣ, фалсафаи муғон, зурвония ва машшоияи даврони сосонианд, ки дар аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна роиҷ буданд.

Дар ин росто метавон гуфт, ки "Таърихи фалсафаи тоҷик"-и даврони ибтидои қуруни вусто бахши густурдатари таърихи фалсафаи мардуми мусулмони Шарқ мебошад. Бинобар ин, ба назар одилонатар хоҳад буд, ки агар мо ин давраро ба таври куллӣ ва фалсафаи онро ба вижа фалсафаи Эҳёи Шарқ ё Ренессанс дар мамолики Шарқ биномем. Чаро Эҳё, таҷаддуд (ренессанс) ва ин мазмунро аз таърихи ин равиши фарҳангӣ дар Аврупо дидан мумкин аст. Масъала ин аст, ки раванди эҳёи фарҳангӣ дар шарқи мусулмонӣ хеле пештар аз Аврупо ба амал омада буд ва он чиро мо баъдан дар Аврупои асрҳои XV-XVI мебинем, он давоми мантиқии раванди озодандешиву гуманизм дар мамолики мусулмон, аз ҷумла Аҷами асрҳои IX-XI буд.

Боби якуми диссертатсия **"Таҳқиқоти Анри Корбен дар бораи машшоияи шарқӣ"** номгузорӣ шудааст ва муаллиф дар он А.Корбенро файласуф, ховаршинос ва мутарҷими пурмаҳсули фаронсавии садаи XX нишон додааст, ки ӯ фалсафаи тоҷику форсро ба таври махсус таҳқиқ карда, дар бораи хусусиятҳои равияҳои он ақида худро баён намудааст.

Диссертант дар зербоби якуми боби аввал **"Тавсифи машшоия дар пажуҳиши Анри Корбен"**-ро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки дар миёни ховаршиносони фаронсавӣ саҳми Анри Корбен махсус аст, ки бо осори илмии пурарзишаш мероси файласуфону мутафаккирони моро ба доираи васеи хонандагон, аз ҷумла ба аҳли илм пешкаш кардааст. Ҳамчунин А.Корбен ба як қатор осори файласуфони тоҷику форс муқаддимаи муфассали илмӣ нигошта, дар баробари ин бисёре аз асарҳои онҳоро аз забони арабӣ ва форсӣ ба фаронсавӣ тарҷума кардааст. Аз ҷумла, ӯ ба асари "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн"-и Носири Хусрав, "Луғати мӯрон"-и Шиҳобуддини Суҳравардӣ ва дигарон ба забони фаронсавӣ муқаддима навиштааст. Инчунин муаллиф аз усули таҳлили муқоисавии илмӣ хеле самаранок истифода бурдааст.

Зербоби дуюми ин боб мавзӯи **"Фалсафаи Абӯнасри Форобӣ аз диди Анри Корбен**"-ро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин зербоб мақоми Абӯнасри Форобӣ, ки яке аз файласуфони бузурги олами исломӣ буда, шуҳрати ҷаҳонӣ касб намудааст, маълумот медиҳад. Ба навиштаи муаллиф, Анри Корбен низ мисли дигар муҳаққиқон, аз ҷумла муҳаққиқони шӯравӣ дар бораи Форобӣ нигоштааст, ки ӯ дар ибтидо ба Бағдод сафар намуда, назди Юҳанно ибни Ҳайлон ба омӯзиши илмҳои замонаш машғул шудааст. Чунон ки худи муаллиф менависад: "Форобӣ дар он ҷо ба омӯхтани илмҳои мантиқ, сарфу наҳв, фалсафа, мусиқӣ, риёзиёт ва дигар илмҳои замони худ

машғул мешавад. Ба сабаби дар фалсафа ва улум пайрави Арасту будан ва ақидаи ӯро инкишоф додан Форобӣ дар таърих ба сифати “Муаллими сонӣ” маъруфият дорад” (с.38).

Дар зербоби сеюми ин боб мавзӯи **“Ташреҳи Анри Корбен ба фалсафаи ирфонии Ибни Сино”** мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Диссертант дуруст қайд намудааст, ки Анри Корбен файласуфест, ки қариб тамоми осори фалсафии бисёрҷилдаи Ибни Синоро сарфи назар намуда, бо назардошти се рисолаи ҳаҷман хурди Ибни Сино: “Ҳай ибни Яқзон”, “Рисолат ат-тайр” ва “Саломон ва Абсол” самти асосии фалсафаи ин мутафаккирро ирфонӣ қаламдод менамояд. Тавре олими фаронсавӣ мегӯяд “ба мо (яъне Ибни Сино) рисолоти тамсилӣ мерос гузоштааст ва беназардошти онҳо, шояд осори вай ифодагари ҷуз авроқи пур аз сиёҳӣ чизе дигар набошад”. Аз ин навишта маълум мегардад, ки А.Корбен осори фалсафии Ибни Синоро, ки дар пайравии фалсафаи машшоия, хосатан Арасту ва равияи навафлотуния эҷод шудааст, бидуни се рисолаи хурди дар боло зикргардида аз аҳамият холӣ медонад (с.53). Муалллифи рисола фалсафаи Ибни Синоро дар таҳқиқоти Анри Корбен хеле дақиқ ва аз назари воқеияти илмӣ нишон дода тавонистааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Ҷараёнҳои фалсафию динӣ дар таҳқиқоти Анри Корбен”** номгузорӣ шудааст. Дар зербоби аввали боби дуюм **“Моҳияти фалсафаи калом аз нигоҳи Анри Корбен”** зикр мегардад, ки илми калом ҳамчун илоҳиёти схоластии ислом ба ҷое расид, ки ин мафҳум муродифи андешаи заррот (атомизм)-и Демокрит ва Эпикур гардид, аммо аз фалсафаи онон фарқ мекард. Калом дар таъбири А.Корбен ҳамчун андешаи схоластӣ ба сифати як диалектикаи ақлгароии маҳз мушаххас аст ва аз мавқеи илоҳиёт истифода мешавад.

Ба гуфтаи А.Корбен, равияи муътазилиён нисбат ба мутаккалимон қадимтаранд, яъне гуфтан мумкин аст, ки муътазилия пештар аз мутакаллимон фаъолият дошт. Дар замони салтанати аббосиён дар Бағдод усули равияи муътазила ҳамчун мазҳаби расмии тасаннуни ислом мавриди эътирофи амал қабул шудааст. Диссертант бар он назар аст, ки муҳаққиқи фаронсавӣ таъкид дорад, ки номи муътазиларо ба чанд маъно шарҳ додаанд ва муҳаққиқ назару андешаи баъзе мутафаккиронро баён кардааст. Ховаршиноси фаронсавӣ пайдоиши калимаи муътазиларо дар он медонад, ки ин равия ба иллати ихтилоф дар мавриди фаҳми “гуноҳ” ва “гунаҳкор” аз аксарияти мусулмонон ҷудо гардиданд. Аммо муътазилиён гуноҳро ҳамчун ҳолати васат миёни имон ва куфр мепиндоштанд.

Зербоби дуюми боби дуюми рисола **“Тасаввуф дар таҳқиқоти Анри Корбен”** номгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб муаллиф андешаи муҳаққиқи

фаронсавиро роҷеъ ба тасаввуф шарҳ дода менависад, ки дар ислом ирфони динӣ вуҷуд дорад, бинобар ин он ҳамчун падидаи рӯҳонӣ дорои аҳамияти хоса аст. Диссертант бар он назар аст, ки муҳаққиқ ин падидаро кӯшиши дар амал татбиқ сохтани рисолати рӯҳонии пайғамбар, ки дар шаби Меъроҷ ба вуқуъ омадааст, қаламдод менамояд. Дар рисола муҳтавои динии шаби Меъроҷро шарҳ додааст. Аз назари шарқшиноси фаронсавӣ меъроҷ – ҳолати воридшавӣ ба ваҷд аст, ки ҳангоми он паёмбар аз асрори илоҳӣ огоҳ шуд – меъроҷ дар тӯли асрҳо намоди он таҷрибае гашт, ки сӯфиён барои расидан ба он кӯшиш ба харҷ медоданд. Муаллиф кӯшидааст, ки моҳияти ботинии ваҳйи қуръонӣ, рӯй гардонидан аз дине, ки дар он танҳо шариат ҳукмфармост ва ҷаҳду талошест, ки барои эҳё намудани таҷрибаи ботинии пайғамбар дар шаби меъроҷ равона гардидааст, аз нигоҳи А.Корбен ошкор созад.

Зербоби сеюми боби дуюми рисола **“Анри Корбен ва фалсафаи исмоилияро”** дар бар мегирад. Муаллиф исмоилияро ҳамчун яке аз таълимоти намоёнтарини фалсафию динии олами ислом мешуморад. Дар воқеъ ин ҷараён аз замони ба вуҷуд омаданаш то имрӯз як қатор мутафаккирони маъруфу машҳурро парварида, дар рушду нумуи афкори фалсафию динӣ ва илмию фарҳангӣ нақши бориз гузоштааст. Дар асрҳои миёна ботиниён, яъне исмоилиён аллакай аз ибтидои ислом мақому мартабаи худро дар ҷомеа мустаҳкам намуда буданд, зеро онҳо бо донишу ақли расо, ҷасорату ҳушёрӣ, далерию чолокӣ аз заифию фасодии хилофати Аббосиён истифода намуда, дар тамоми масоили сиёсию динӣ ва шӯришу муҳорибаҳо иштироки фаъол доштанд.

Зербоби чаҳоруми боби дуюм ба мавзӯи **“Назари Анри Корбен ба фалсафаи ишроқияи Суҳравардӣ”** бахшида шудааст. Диссертант назару афкори шарқшиноси фаронсавиро доир ба осор ва таълимоти Шиҳобуддини Суҳравардӣ мавриди пажуҳиш қарор додааст. Суҳравардӣ аз файласуфони машҳури тоҷику форс буда, маъмулан дар таърих бо номи Шайхи Ишроқ маъруфият дорад ва дар таърихи фалсафа асосгузори “ҷараёни ишроқия” маҳсуб меёбад. Тазкиранависон маъмулан ӯро дар таърих ба унвони “Шайхи мақтул” зикр менамоянд. А.Корбен дар ин бора маълумот пешкаш намуда, таъкид менамояд, ки шогирдонаш Суҳравардиро “Шайхи шаҳид” меноманд. Муҳаққиқ роҷеъ ба таълимоти фалсафӣ ва осори Суҳравардӣ таҳқиқоти пурра анҷом дода, асарҳои алоҳидаи илмии пурарзиш таълиф кардааст. Дигар муҳаққиқон ва шарқшиносон низ дар хусуси таълимот, осор ва тарҷумаи ҳоли Шайхи ишроқ маълумот дода, асарҳо таълиф кардаанд.

Хусола ҳар ду боб ва зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ таҷрибаи хуби корӣ касб карда, бо истифода аз услуби илмӣ ва таҳлили маводу сарчашмаҳо

аз назари танқидӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлилҳо дар рафти таҳияи рисола истифода шудаанд.

Дар хотимаи рисола натиҷаву хулосаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда оварда шудаанд, ки қонеъкунанда мебошад. Мазмуни муҳтавои рисолаи мазкур бо фишурда (афтореферат)-и он ҳамоҳанг аст. Дар маҷмуъ ба рисолаи илмии Иброҳимов Фурқатҷон Муродович баҳои мусбат дода, ҳамин нуктаро ёдовар мешавем, ки он аз хатогӣ ва нуқсонҳои алоҳида холӣ намебошад ва мо онро дар сатрҳои зерин ишора мекунем:

1. Ақидаи Шумо оид ба он ки "А.Корбен файласуфест, ки қариб тамоми осори фалсафии бисёрҷилдаи Ибни Синоро сарфи назар намуда, бо назардошти се рисолаи ҳаҷман хурди Ибни Сино... самти асосии фалсафаи ин мутафаккирро ирфонӣ қаламдод менамояд" (с. 53); ба ишораи дигари Шумо, ки дар автореферат омадааст, зиддият дида мешавад. Аз ҷумла дар он чунин ақида ҷой дорад: "Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқ (яъне А.Корбен) дар баробари омӯзиши масъалаҳои ҳастишиносии фалсафаи Ибни Сино, ҳамчунин ба масъалаҳои маърифатшиносӣ диққати махсус додааст. ... Антропологияи Форобӣ ва Ибни Сино майл ба навафлотуния дорад, мегӯяд А.Корбен (с. 13)."

Дар диссертатсия чунин омадааст: "А.Корбен ... пас аз он ки мухтасаран дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти Ибни Сино сухан ронда, **асарҳои асосии ӯро мавриди назар қарор медиҳад**, ба баррасии масъалаи офариниши оламу одам аз назари Ибни Сино мегузарад" (с. 25).

Мисоли дигар: "... А.Корбен танҳо дар доираи се рисолаи ирфонии Ибни Сино маҳдуд нагардида, ҳамчунин ба дигар ақидаҳои мутафаккир, ба мисли "Фалсафаи машриқия таваҷҷуҳ зоҳир намудааст...!!!!!"" пас чи гуна А.Корбен асарҳои дигари Ибни Синоро сарфи назар кардааст.

2. Доир ба тафсири рамзҳои "Ҳай ибни Яқзон" ақидаҳои олимони тоҷик оварда шудааст, ки хилофи ақидаи А.Корбен мебошанд. Ҳол он ки пеш аз олимони номбурда ин ақидаро синошиноси маъруфи советӣ А.Сагадеев солҳои 80 – ми асри XX амиқона тавзеҳ додааст. Дар он ҷо **кутб –** таҷассуми Ҳақиқати Олӣ, **нафси нотиқа**, ки ӯро пири нуронӣ **Ҳай** (рамзи хирад) ҳамроҳӣ мекард, бояд дар **баҳри ҷӯшон** (яъне мантиқ) таҳорат менамуд; маҳз **мантиқ** ва **фаросат** (интуитсия)-и ақлонӣ роҳи нафси инсониро дар роҳи маърифати олами табиӣ ва кайҳонӣ фурӯзон менамоянд. Ба ақидаи мо дар ин диссертатсия сухан дар бораи маърифати инсонӣ ва раванди камолоти маънавӣ ва ақлонии ӯ, худшиносии инсон ва расидан ба дараҷаи инсони комил (ба маънои васеъ) меравад, ки мақсади асосии таълифи ин диссертатсия мебошад.

Илова бар ин дар адабиёт ҳатто номи ин ховаршиноси маъруф А.Сагадеев оварда нашудааст.

3. Автореферате, ки ба забони русӣ иншо шудааст, таҳрири ҷиддӣ металабад.

4. Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти мазкур муқаддимаи Анри Корбенро ба “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн”-и Носири Хусрав истифода накардааст;

5. Дар зербоби сеюми боби дуюм “Анри Корбен ва фалсафаи исмоилия” муаллиф аз китоби “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Абуяъқуби Сиҷистонӣ иқтибос наовардааст. Дар ҳоле ки А.Корбен ба асари мазкури Абуяъқуби Сиҷистонӣ низ муқаддима навиштааст, вале дар диссертатсия ба назар намерасад;

6. Хулосаи диссертатсия ба таври муҷаз баён гардидааст.

Эродҳои баёншуда хусусияти бунёдӣ надошта, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Метавон гуфт, ки диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фанҳои ҷомеъашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, протоколи №05, аз 17.02. соли 2021 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар ҷаласа 14 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ ҷиҳати пешниҳод намудани диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович чунин аст: Тарафдор – 14 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Эксперт:**
Номзади илмҳои фалсафа, и.в.
дотсент Қурбоншоев И.Ҷ.

**Раисикунанда**: номзади илмҳои фалсафа,
мудири кафедраи фанҳои ҷомеъашиносии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С.Осимӣ Саидумаров С.С.

**Котиби ҷаласа:** муллими калон Тураев Ф.Р.

Имзои Саидумаров С.С., Қурбоншоев И.Ҷ.,
ва Тураев Ф.Р. - ро тасдиқ менамоям:
**Сардори Раёсати кадрҳо** ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи М.С.Осимӣ Шарипова Д.